№9191/11.1-д аз 13.06.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба баҳсҳои судӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ дар мақомоти ҳудудии андоз, ҷиҳати риояи мактубҳои дастурии Кумитаи андоз, таъмини иҷрои санадҳои судие, ки иҷроиши онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор карда шудааст, нишон дод, ки фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нокифоя ба роҳ монда шудааст.

Аз ин лиҳоз, аз мақомоти ҳудудии андоз қатъиян талаб карда мешавад, ки минбаъд ҳангоми муроҷиат ба судҳо ва иштирок дар баррасии баҳсҳои судӣ барои гирифтани дастур ва тавзеҳоти зарурӣ, ба таври ҳатмӣ ба Кумитаи андоз муроҷиати хаттӣ намоянд.

Дар баробари ин, такроран ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешниҳоди ариза ба судҳо (ба истиснои ариза оид ба ситонидани қарзи андоз аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ) ва оғози парвандаҳои судӣ манъ буда, дар ҳолатҳои истисноӣ танҳо баъд аз мувофиқаи хаттӣ бо дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, таҳлили барномаи компютерии СИА “Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз баҳсҳои судии ҷойдошта ба барномаи мазкур ворид карда намешавад, ки ҳолати мазкур назорати дуруст ва таъмини иҷрои ҳалномаҳои судӣ, иҷроварақаҳои судӣ ва дигар санадҳои судие, ки иҷроиши онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор карда шударо душвор ва ҷамъбасти ҳисобот оид ба рафти баҳсҳои андозӣ дар судҳоро ғайриимкон месозад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки парвандаҳои баҳсҳои судии ҷойдоштаро пурра ва сари вақт дар моҳи ҳисоботӣ ба барномаи компютерии СИА “Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” ворид намоянд.

Бо назардошти камбудиву норасоиҳои дар ин самт ҷойдошта сардорони раёсатҳо ва нозиротҳои мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дастури мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ мавриди баррасӣ ва иҷроиш қарор дода, камбудиву норасоиҳои дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намоянд. Иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои мазкур, барои татбиқи чораҳои қатъии интизомӣ нисбати сардорони раёсатҳо, нозиротҳои андоз ва дигар шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз шуда метавонад.

Раис Н. Давлатзода